آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

17 майи соли 2025
Шанбе
№ 40 (15155)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН БА ВЕНГРИЯ ВА СЛОВЕНИЯ САФАР МЕКУНАД

***Рӯзҳои 19-22 май сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Венгрия ва Ҷумҳурии Словения сурат мегирад.***

Роҳбари Ўзбекистон 19 май бо даъвати Сарвазири Венгрия Виктор Орбан вориди Будапешт мешавад.

Музокироти сатҳи баланд, вохӯриҳо бо шахсони расмӣ ва роҳбарони ширкатҳои пешрафтаи Венгрия баргузор мешаванд.

Дар рӯзнома масъалаҳои тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои ҳамкориҳои амалӣ ва шарикии стратегии байни ду мамлакат ҷой дода шудаанд.

Роҳбари мамлакат 21 май дар нишасти ғайрирасмии Созмони давлатҳои туркӣ, ки дар пойтахти Венгрия баргузор мешавад, ширкат хоҳад кард.

Президент Шавкат Мирзиёев 22 май дар шаҳри Любляна бо Президенти Словения Наташа Пиртс Мусар мулоқот мекунад, бо роҳбарияти порлумон ва ҳукумати ин кишвар музокира мегузаронад ва дар чорабиниҳои муштараки тиҷоратӣ ширкат мекунад.

Масъалаҳои рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманди тиҷоратӣ-иқтисодӣ, татбиқи лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои дорусозӣ, саноат, хӯроквории ва нассоҷӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва густариши робитаҳои гуманитарӣ баррасӣ хоҳанд шуд.

**ЎзА.**

## ҲУҚУҚУ МАНФИАТҲОИ ҚОНУНИИ ШАҲРВАНДОН ТАҲТИ ҲИМОЯ ҚАРОР ДОРАНД

***Сафорати Ўзбекистон дар Малайзия як қатор тадбирҳоро ҷиҳати барқарор намудани тамоси доимӣ бо ҳамватанон, омӯзиш ва ҳалли мушкилоти онҳо, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонони боистеъдод амалӣ менамояд.***

***Сафорат ба шаҳрвандони Ўзбекистон, ки дар Малайзия иқомат доранд, хизматрасониҳои гуногуни консулӣ пешниҳод мекунад, аз ҷумла: расмигардонии шиносномаҳо барои сафар ба хориҷ, додани шаҳодатномаҳои бозгашт ба Ватан, анҷом додани амалиётҳои нотариалӣ, тасдиқи расмии ҳуҷҷатҳо, тақдими шаҳодатномаҳои ақди никоҳ ва таваллуд.***

**Донишҷӯи Донишгоҳи технология ва инноватсияи Осиёву уқёнуси Ором (APU) Абдуллоҳ ЭРГАШБОЕВ:**

– Азбаски муҳлати амали шиносномаи биометрии ман барои сафар ба хориҷ ба охир мерасад, ман ба сафорат барои тамдиди он омадам.

Варақаи дархостро барои гирифтани шиносномаи нави биометрии хориҷӣ тавассути портали хизматрасониҳои интерактиви консулӣ ба таври онлайн пур кардам. Пас аз он ба сафорат омада, анкетаро супоридам ва акс гирифтам.

Қаблан барои гирифтани шиносномаи нав лозим буд ба Ўзбекистон сафар кунам, ки ин боиси хароҷоти иловагӣ барои билетҳои ҳавопаймо ва дигар харҷҳо мешуд. Ҳоло бошад, имконият фароҳам аст, ки шиносномаи навро дар ҳамин ҷо, бе бозгашт ба Ўзбекистон, ба даст орам. Ман барои ин шароити мусоид миннатдорам.

**Донишҷӯи Донишгоҳи «City» дар Малайзия Ёсинбек СОТВОЛДИЕВ:**

– Ман ба сафорати кишварамон барои тартиб додани ваколатномаи нотариалӣ омадам. Консул ба ман тавсия дод, ки аз сабти номи муваққатии консулӣ гузарам. Ман анкетаи онлайнро пур карда, барои сабти номи муваққатии консулӣ номнавис шудам.

Раванди сабти ном хеле зуд ва осон анҷом ёфт. Бо дарназардошти он ки ҳамватанони мо дар минтақаҳои гуногуни Малайзия зиндагӣ мекунанд ва бо мақсади фароҳам овардани шароити бештар барои онҳо, сафорат як қатор хизматрасониҳои консулиро ба таври электронӣ тавассути платформаи онлайнии хизматрасониҳои интерактивии консулӣ анҷом медиҳад.

**Омӯзгори калони Донишгоҳи Утараи Малайзия дар иёлати Кедаҳ Ҳабибулло АҲАДҚУЛОВ:**

– Ба фарзандони ман барои дароз кардани раводиди малайзӣ тарҷума ва тасдиқи расмии шаҳодатномаҳои таваллуд ба забони англисӣ лозим шуд. Барои расидан бо мошин аз иёлати Кедаҳ то Куала-Лумпур 5 соат лозим аст.

Аз ин рӯ, ман ба сафорат ба таври фосилавӣ, онлайн муроҷиат кардам. Дархости ман дар давоми як рӯз мусбат баррасӣ карда шуд. Мо аз ин шароити фароҳамшуда барои ҳамватанонамон, ки дар Малайзия фаъолият мекунанд, миннатдорем.

Ҳамзамон сафорат бо ҳамватаноне, ки дар Малайзия зиндагӣ мекунанд, тамоси доимиро барқарор намудааст. Бо иштироки онҳо чорабиниҳои гуногуни фарҳангиву маърифатӣ, мизҳои гирд, брифингҳо ва вохӯриҳо баргузор мегарданд.

**Донишҷӯи Донишгоҳи Сямэни Малайзия Иброҳимҷон НОРМУҲАММАДОВ:**

– Имрӯз дар сафорати Ўзбекистон дар Малайзия «Форуми ҷавонон» баргузор гардид. Дар доираи чорабинӣ мо бо намояндагони намояндагии дипломатии Ўзбекистон мулоқот кардем. Ҳамчунин бо донишҷӯёни дигар донишгоҳҳои Малайзия шинос шудем.

Дар ҷараёни суҳбат мо оид ба имтиёзҳо ва шароитҳое, ки барои ҷавонон муҳайё шудаанд, табодули афкор намудем. Мо тавсияҳо ва маслиҳатҳои заруриро оид ба масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳамон дарёфт кардем.

Ба ҳамсолонам орзу дорам, ки аз ин имкониятҳо самаранок истифода баранд ва ба мутахассисони баландихтисос табдил ёбанд, ки ба манфиати Ўзбекистон хизмат мекунанд. Дар оянда ман низ дониш ва таҷрибае, ки дар Малайзия андӯхтаам, барои рушди иқтисод ва молияи Ўзбекистон сафарбар мекунам.

**АИ «Дунё»,**
*ш.КУАЛА-ЛУМПУР*




## САЛОҲИЯТИ САЙЁҲИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ЧИН НАМОИШ ДОДА ШУД

***Барои тарғиби салоҳияти сайёҳии кишварамон Ярмаркаи байналмилалии сайёҳии Гуанчжоу имконияти васеъ фароҳам овард. Ярмарка ҳафтаи равони моҳи май дар Чин баргузор гардид. Дар он ҳайати густардаи вилояти Фарғона таҳти раёсати ноиби ҳокими вилоят, сардори садорати туризм Хуршедҷон Аҳмедов ширкат намуд.***

– Мо дар ярмарка ҳамкорони нав пайдо кардем. Он имкон фароҳам меоварад, ки домани ҳамкориҳомон беш аз пеш тавсеа ёбад ва ба ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон ноил шавем, – гуфт Аҳмедов.

Дар доираи ярмарка бо ташаббуси Консулгарии генералии Ўзбекистон дар шаҳри Гуанчжоу вохӯриву мулоқотҳо доир гардиданд.

Аз ҷумла, дар павилони Ўзбекистон миёни ҳайати вилояти Фарғона ва як қатор намояндагони дипломатии байналмилалӣ муколамаҳои судманд сурат гирифт.

Дар рафти вохӯрӣ оид ба таҳияи механизмҳои мушаххаси ҳамкорӣ дар бахши сайёҳӣ бо вилояти Фарғона, ки ояндаи наздикро мадди назар дорад, инчунин роҳандозии ҳамкориҳои фарҳангӣ ва сармоягузорӣ, иштироки фаъолона дар татбиқи лоиҳаҳои сайёҳӣ ба тавофуқ расиданд.

Гуфта мешавад, ки вилояти Фарғона дар харитаи туризми ҷаҳонӣ мавқеи худро пайдо менамояд ва барои васеъ намудани доираи ҳамкорон беш аз пеш талош ба харҷ медиҳад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*18 май – Рӯзи байналмилалии осорхонаҳо*

## ОСОРХОНАҲО – ОИНАИ ТАЪРИХ ВА МАХЗАНИ ФАРҲАНГ

***Дар беш аз 150 мамлакати ҷаҳон 18 май ҳамчун Рӯзи байналмилалии осорхонаҳо таҷлил мегардад. Қарор дар бораи таҷлили он соли 1977 дар ҷамъомади навбатии Шӯрои байналмилалии осорхонаҳо қабул шуда буд.***

Имрӯзҳо сайёҳон баҳри тамошои осорхонаҳои машҳури ҷаҳон мисли Луври Париж, Эрмитажи Санкт-Петербург, Долмабохча ё Топкапеи Истанбул аз нуқтаҳои гуногуни ҷаҳон меоянд. Дар чунин музейҳо экспонатҳои таърихиву фарҳангии садсолаву ҳазорсолаҳо нигаҳдорӣ мешаванд, ки қобили дидану баҳрабардорӣ аст.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

***Мақсади асосии сиёсати Ўзбекистони Нав дар розӣ кардани мардум аст ва ин пеш аз ҳама, дар ислоҳоти соҳаи тиб, ки солҳои охир амалӣ мешаванд, равшан ба назар мерасад. Барои ҳифз ва таҳкими саломатии мардум, маблағ ва имкониятҳои зиёде сафарбар шудаанд.***

## ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ – КАФОЛАТИ САЛОМАТИИ МО

Инро аз рақам ва маълумоти зерин низ метавон фаҳмид: дар давоми 7 соли охир маблағгузорӣ ба соҳаи тиб 6 маротиба афзуда, имсол ба 42 триллион сӯм расидааст. Системаи мукаммале таъсис ёфтааст, ки хидматҳои ибтидоии маҳаллаҳоро бо хидматҳои махсус мепайвандад. Зиёда аз 400 амалиёти технологии баланди тиббӣ, ки қаблан танҳо дар пойтахт анҷом дода мешуданд, ҳоло дар вилояту ноҳияҳо гузаронида мешаванд. Танҳо амалиёти кӯчонидани гурда рӯзе ду маротиба анҷом дода мешавад.

Дар кишвари мо ба ҳар 10 ҳазор нафар аҳолӣ 27 шифокор рост меояд. Ин нишондиҳанда бо ИМА, Британияи Кабир ва Финляндия баробар аст. Аммо дар Туркия ва Канада ин рақамҳо 1,5 маротиба камтаранд. Бо вуҷуди ин, мо ҷиҳати самаранокӣ ва сифати муолиҷа худситоӣ карда наметавонем.

7 май таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев оид ба баланд бардоштани сифати хидматрасониҳои тиббӣ, танзими истеъмоли доруҳо ва такмили таҳсилоти тиббӣ ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид. Сардори давлат таъкид кард, ки дар кишвари мо оиди масъалаи шумораи кормандони тиб ва маблағгузорӣ мушкилот вуҷуд надорад, вале оид ба паст бадани самаранокӣ ва сифати хидматрасонӣ эътирозҳо зиёданд.

Тибқи маълумотҳо, бемориҳои ғайрисироятӣ ҳамасола ба иқтисодиёти Ўзбекистон зиёда аз 1 миллиард доллар зарар мерасонанд. Чоряки даъватҳои «ёрии таъҷилӣ» ба беморони дорои бемориҳои музмин рост меоянд. Дар баъзе ҷойҳо «ёрии таъҷилӣ» поликиникаро мемонад. Дар беморхонаҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ шумораи кормандон, ҷой ва маблағҳо дуруст тақсим карда нашудааст. Ҷорӣ кардани низоми «Суғуртаи тиббӣ» сол ба сол ба таъхир меафтад. Рақамисозии навбат ва хидматҳо низ то ҳол пурра ба роҳ монда нашудааст. Сатҳи дониш ва сифати муолиҷаи кормандони соҳа ҳам ба талабот ҷавобгӯ нест.

Дар кишвари мо ҳиссаи воридоти доруҳое, ки самаранокии онҳо исбот нашудааст, ба 42 фоиз расидааст. Пас, масъалаи ба тартиб андохтани истеъмоли доруҳо ҳамоно ҳамчун як масъалаи муҳим боқӣ мемонад. Дар ҳафт соли охир қабули донишҷӯён ба ихтисосҳои тиббӣ зиёд шуда, ҳамасола 25 ҳазор донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта мешавад. 40 фоизи онҳо дар донишгоҳҳои хусусӣ таҳсил мекунанд. Аммо дар соҳа низоми шаффофи баҳодиҳии донишу малакаҳо вуҷуд надорад.

Дар ҷамъомади видеоселекторӣ масъалаҳои зикршуда мавриди муҳокима қарор гирифта, бо далелҳои раднопазир аз нуқтаи назари танқидӣ таҳлил карда шуд. Шахсоне, ки ба беэътиноӣ роҳ додаанд, аз вазифа сабукдӯш ё огоҳонида шуданд. Сардори давлат супориш дод, ки маблағҳои барои низоми тиб ҷудошуда дуруст истифода шаванд, рақамисозӣ ва суғурта ҷорӣ карда шавад, тартибу интизом ба роҳ монда шуда, розигии мардум таъмин гардад. Таклифҳо ва ташаббусҳои нав низ пешниҳод гардиданд.

Дар ҳақиқат, халқи донои мо беҳуда нагуфтааст: «Саломатӣ — сарвати бебаҳо». Аз рӯзи офариниш, инсон ҳамеша ба саломатии худ таваҷҷуҳ намудааст, кӯшидааст, ки бемор нашавад, солим гардад. Зеро дар дунё неъмате болотар аз саломатӣ вуҷуд надорад. Агар ин сарвати бебаҳо — саломатӣ набошад, на оромӣ ҳасту на ҳашамате лаззат медиҳад. Хушбахтии комили мо низ ба саломатии мо вобаста аст.

Аммо мутаассифона, мо масъулияти саломатии худро ба дӯш гирифта наметавонем. Барои солим зиндагӣ кардан талаботи одие ҳаст: бештар ҳаракат кардан, мунтазам машқи бадан анҷом додан, риояи меъёрҳои ғизои дуруст. Вале мо ҳар рӯз, ҳар лаҳза баръакси ин амал мекунем, гӯё саломатии мо на ба худи мо, ба дигарон зарур бошад.

Асосгузори илми тиб — бобои бузурги мо Абуалӣ ибни Сино беҳуда таъкид накарда буд: «Касе ки машқи баданро тарк мекунад, дар бештари ҳолатҳо ба нобудӣ мерасад, зеро қувваи аъзое, ки беҳаракат мемонанд, суст мешавад».

**Абдулҳаким ЭШБОЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ МАКТАБИ ПИРӮЗ

***Дар ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё ҷамъ 41 мактаби таълими умумӣ фаъолият дорад ва дар онҳо 13808 нафар донишомӯзон бо се забон – тоҷикӣ, ўзбекӣ ва русӣ таҳсил мегиранд. Дар мактабҳои ҳамагонии рақамҳои 2, 9, 10, 25 ва 34-ум таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва ўзбекӣ ва танҳо дар мактаби таълими умумии рақами 19-ум таълим комилан бо забони тоҷикӣ роҳандозӣ шудааст. Дар 65 синфи тоҷикии ин мактабҳо ҷамъ 735 нафар хонандагон таҳсил мегиранд.***

***Чанде пеш таҳририяти рӯзнома бо мақсади муайян кардани мактаби фаъолу пешқадами ноҳия, ки синфҳои тоҷикӣ доранд, дар саҳифаи телеграмии «Овози тоҷик» пурсишнома гузаронд. Бино ба натиҷаҳои ниҳоии назарсанҷӣ мактаби таълими умумии рақами 10-ум пирӯз гардид ва мо тибқи супориши таҳририят дар бораи дирӯз, имрӯз ва нақшаҳоиояндаи мактаб, комёбиҳо ва мушкилоти ҷамоаи омӯзгорону донишомӯзон матолиб омода кардем.***

**(Давомаш дар саҳ.4).**



Овози тоҷик

17 майи соли 2025 № 40 (15155)

# ОСОРХОНАҲО – ОИНАИ ТАЪРИХ ВА МАХЗАНИ ФАРҲАНГ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар баъзе осорхонаҳо ашёе ҳифз мешаванд, ки ба таърихи кишвари мо тааллуқ дошта, баргардонидани онҳо ба мамлакатамон имконнопазир аст. Аммо дар пойтахти мамлакатамон ва вилоятҳои он осорхонаҳои зиёде мавҷуданд, ки моро бо таърих, шоҳасарҳои гузашта ошно месозанд.

Осорхонаҳо муассисае маҳсуб мешаванд, ки имрӯз ва гузаштаро бо ҳам пайваста, ҷаҳонбинӣ ва шуури инсонро инкишоф медиҳанд, ба ӯ ғизои маънавиву эстетикӣ мебахшанд. Онҳо ҷиҳати омӯхтани таърих, фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳои мардум ҷойгоҳи алоҳида доранд. Дар осорхонаҳо асарҳои беназири таърихӣ, фарҳангӣ, ашёи гуногуни давраҳои қадим нигоҳдорӣ мешаванд, ки муайян намудани арзиши онҳо хеле душвор аст.

Музейҳои мамлакатамон аз рӯйи ҳифзи ашё ва аз ҷиҳати мавзӯъ ба музейҳои таърихӣ, кишваршиносӣ, табиатшиносӣ, экологӣ, фарҳангшиносӣ, геологӣ, археологӣ, нақлиётӣ, техникӣ, ҳарбӣ, адабӣ, нигористонҳои фарҳангӣ, инчунин ба хонамузейҳо ва музейҳои кушод тақсим мешаванд.

Дар мамлакати мо нахустин дар Тошкандшаҳр осорхонаи таърих ва дертар осорхонаи табиат кушода шудааст ва пас аз соли 1917 аз рӯйи самтҳои гуногун осорхонаҳое ташкил мешаванд, ки экспозитсияҳои зиёд доштанд. Масалан, тибқи маълумотҳо, соли 1918 дар қасри шоҳзода Н.Романов дар асоси коллексияи мусодирашудаи ӯ Осорхонаи бадеӣ (ҳоло Осорхонаи давлатии санъати Ӯзбекистон), дертар — соли 1921 Осорхонаи шаҳри кӯҳна ва ғайра таъсис дода шудааст.

Дар натиҷаи омӯхтани таърих, фарҳанг ва корҳои таҳқиқотиву археологӣ осорхонаҳои мамлакати мо ғанӣ ва васеъ гашт. Ҳоло дар саросари мамлакат зиёда аз 110 осорхона фаъолият дошта, маъмултарини он Осорхонаи давлатии таърихи Ӯзбекистон, осорхонаҳои санъат, табиат, таърихи Темуриён, осорхонаҳои таърихиву кишваршиносии Бухорову Самарқанд, Хиваву Қӯқанд, Осорхонаи давлатии санъати Қароқалпоқистон ба номи И. В. Савитский ва ғайраҳо мебошанд.

Ин музейҳо, ки баъзеи онҳо бо экспонатҳои худ дар намоишгоҳҳои ҷумҳуриявӣ ва кишварҳои хориҷӣ мисли ИМА, Фаронса, Олмон, Италия, Ҷопон, Русия иштирок кардааст, ба хусус барои хонандагон ҷиҳати омӯхтани таърихи кишвар ҷойгоҳи алоҳида дорад. Бо ташаббуси ҳукумати кишварамон барои сайёҳону мактабхонон ба тамошои осорхонаҳо дар Рӯзи байналмилалиии музейҳо ва баъзеашон дар рӯзи муайяни ҳафта бепул рухсат дода мешавад, ки бояд устодону волидон аз ин имконият дар давоми сол пурсамар истифода баранд.

Ҳоло дар осорхонаи давлатии таърихи Ӯзбекистон, ки дар яке аз кӯчаҳои марказии пойтахт ҷойгир аст, корҳои тармиму таҷдид давом дорад. Он маъмултарин осорхонаи қадима дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Нигораҳои он дар бораи таърихи бойи Ӯзбекистон аз асри санг то замони мо маълумот медиҳанд. Хусусан, дар бахши экспонатҳои қадимӣ, аз ҷумла, маснуоти сангин, скелети неандертал, ки ба 70-50 ҳазор сол пеш аз ин тааллуқ дошта, аз ғори Тешиктоши Сурхондарё ёфт шудааст, шавқмандии бинандагонро нисбат ба таърихи диёр меафзояд. Осорхонаи мазкур дар назди Донишкадаи археологияи Академияи илмҳои ҶӮ фаъолият бурда, дар манбаъҳо соли таъсисёбии он 1876 қайд шудааст. Осорхона дорои беш аз 250 ҳазор экспонат мебошад, ки дар натиҷаи корҳои археологиву тадқиқотӣ ба даст оварда шудааст. Ғайр аз ин, дар бахшҳои фарҳанг, тиҷорат, илму фан ва таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ дастнависҳои қадима, ашёи нумизматикӣ (тангаҳои қадимӣ), ёдгориҳои этнографӣ, бозёфтҳову осори бостоншиносӣ, асбобҳои мусиқӣ, инчунин, мероси ғании фарҳангии халқҳоямон нигаҳдорӣ мешаванд, ки барои мактабхонон пураҳамият аст.

Осорхонаи дигаре, ки он низ мисли Осорхонаи таърихи Ӯзбекистон дар солҳои 70-80-уми асри XIX ташкил шудааст, Осорхонаи давлатии табиати Ӯзбекистон мебошад. Ин осорхона муассисаи илмиву таълимӣ ба шумор рафта, дар он шуъбаҳои ҳайвоноту наботот, геология-география, илмиву маърифатӣ ва ғайра он фаъолият мебарад. Дар осорхона беш аз 400 ҳазор намунаи олами ҳайвоноту наботот мавҷуд буда, дар бунёди энтомология (фан дар бораи ҳашарот)-и он зиёда аз 300 ҳазор навъи ҳашарот ва дар фонди ботаникаи он гербарийҳо иборат аз ҳазор варақ нигаҳдорӣ мешавад.

***

Аз чунин маълумотҳои мухтасар бармеояд, ки сарфи назар, мо, бахусус фарзандонамон ба кадом соҳаи илм шавқу ҳавас дошта бошанд, имконияти боз ҳам барзиёд гардонидани онро дорем. Бачаҳое, ки фанҳои табииро дӯст медоранд ба осорхонаҳои табиат ва кӯдаконеро, ки ба мошину робот шавқ доранд, ба осорхонаҳои технологӣ бубарем, ки ин ҳам барои ояндаи онҳо ва ҳам барои ҷамъият кори муфид мешавад. Ин барои устодону волидон дастури арзишманд хоҳад буд, зеро соли хониш ба охир мерасаду таътили тобистона оғоз мешавад.

**Н. НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Китоб – беҳтарин дӯст*

***Аз 14 то 17 майи соли ҷорӣ шаҳри Фарғона ба Ҷашнвораи байналмилалии китобхонӣ ва конфронси XVIII байналмилалии «Осиёи Марказӣ – 2025: Интернет ва захираҳои иттилоотию китобхонавӣ дар илм, маориф, фарҳанг ва тиҷорат» мизбонӣ намуд. Барои ҳамин кӯчаву хиёбонҳои марказии ин шаҳр қабои нав ба бар карда, барои пазироии меҳмонони зиёди маҳалливу хориҷӣ омода буд.***

# ҶАШНВОРАИ КИТОБ ДАР ФАРҒОНА

Меҳмонон, ки аз шоиру нависандагони машҳури мамлакатҳои хориҷӣ, олимони адабиётшинос, эҷодкорон ва шахсиятҳои маъруфи илму фарҳанг иборат буданд, бо тантана ва тибқи урфу одат ва анъанаҳои миллӣ истиқбол гирифта шуданд.

Расми кушоиши нахустин ҷашнвора дар кӯчаи Каштанзори шаҳри Фарғона баргузор шуд. Ин маросим бо ширкати ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров, директори Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавии назди Президент Асадҷон Хоҷаев, директори Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишер Навоӣ Умеда Тешабоева, инчунин меҳмонон аз 12 кишвари ҷаҳон, зиёиён, дӯстдорони китоб ва аҳли ҷомеа баргузор шуд.

Ҳокими вилоят аз ташаббуси Президент баҳри табдил додани халқи мо ба миллати китобхон ёдовар шуд. Вай гуфт, китоб яке аз бузургтарин мӯъҷизаҳои башарият буда, нақши он дар ташаккул ва такомули тафаккури инсонӣ хеле муҳим мебошад.

– Китоб инсонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад, ба инсон маънои аслии зиндагӣ ва роҳи ҳаётро равшан месозад. Ин ҷашнвораи байналмилалии китоб, ки дар вилояти мо бори аввал баргузор мешавад, ҳамасола ба анъана табдил дода хоҳад шуд, – афзуд Х.Бозоров.

Дар рафти чорабинӣ А. Хоҷаев, У. Тешабоева низ суханронӣ намуда, рушди китобхонӣ дар кишварамонро фоли нек арзёбӣ карданд. Ба гуфтаи онҳо ташаббуси дар Фарғона оғоз ёфтани чунин ҷашнвора боиси қадрдонӣ мебошад.

Маросими тантанавиро ифтитоҳи муҷассамаи китобе идома дод, ки дар ҳамин кӯчаи Каштанзор гузошта шудааст. Он рамзи эҳтироми мардуми Фарғона ба китобу маърифат мебошад. Дар доираи ҷашнвора аз ҷониби нашриётҳои пешқадами ҷумҳурӣ, ҳокимиятҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят ярмаркаҳои китоб ва намоишгоҳҳо ташкил карда шуданд. Меҳмонони хориҷӣ бо ашёи ин намоишгоҳҳо шинос шуда, ба тарғиби китобхонӣ дар вилояти Фарғона баҳои баланд доданд.

Намоиши расму оинҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, намоишгоҳҳои марказҳои миллӣ-фарҳангӣ ва барномаи идонаи санъаткорони вилоят ба меҳмонон таассуроти зиёд бахшид.

Ногуфта намонад, ки имсол дар вилояти Фарғона «Соли китобхонӣ» эълон шудааст ва ин ҷашнвора дар доираи он роҳандозӣ шудааст. Дар доираи чорабинӣ намоишгоҳи китобҳо, вохӯриҳо бо аҳли эҷод, шабҳои шеърхонӣ, тақдимоти китоб, викторина, бозиҳои зеҳнӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ низ басо хотирмон гузашт. Ғайр аз ин, баргузории озмуни эҷодӣ таҳти унвони «Намоишгоҳи китоб – аз нигоҳи рассомон» ва аксияи «Туҳфаи китоб – ба кӯдакон» нуфузи ин ҷашнвораро боз ҳам афзун кард.

Баргузории конфронси XVIII байналмилалии «Осиёи Марказӣ – 2025: Интернет ва захираҳои иттилоотию китобхонавӣ дар илм, маориф, фарҳанг ва тиҷорат» дар Маркази маънавият ва маърифати Донишгоҳи давлатии Фарғона сурат гирифт. Он олимон, мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, китобдорон, кормандони осорхонаҳо ва коршиносонро аз Британияи Кабир, Булғория, Беларус, Олмон, Фаронса, Уммон, Русия, Малайзия ва шаҳри Тошканду соири вилоятҳои ҷумҳурӣ гирдиҳам овард.

– Ин конфронси байналмилалӣ барои табодули таҷрибаи пешқадам, таҳияи пешниҳодҳо ва роҳҳои ҳалли мушкилот минбари муҳим хоҳад буд, – гуфт Хайрулло Бозоров.

Гуфта шуд, ки дар кишварамон корҳое ба анҷом мерасанд, ки пешрафти соҳаи иттилоотсозӣ ва китобдориро таъмин менамоянд. Пешбинӣ шудааст, ки шумораи хонандагони ҷавон то ба 5 миллион нафар мерасад, дар китобхонаҳо қариб 40 миллион китоб ба рақамӣ гузаронда хоҳанд шуд.

А. Хоҷаев тавзеҳ дод, ки ташкили техникум дар назди Китобхонаи миллии Ӯзбекистон аз соли таҳсили 2025-2026 ба роҳ монда хоҳад шуд ва бар асоси гранти давлатӣ мутахассисони китобдорро тайёр хоҳад кард. Гуфта шуд, ҳар сол ба то 30 нафар донишҷӯёни боистеъдод, ки дар техникумҳои соҳаи китобхона таҳсил мекунанд, стипендияи ҳавасмандгардонӣ дода мешавад. Барои таҷрибаомӯзии онҳо дар китобхонаҳои пешқадам ва муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар шароит фароҳам оварда мешавад.

– Барои хушбахт шудан китоб бояд хонд. Вай инсонро бомаърифат мекунад. Шахси бомаърифат корҳои носазоро ба худ раво намебинад. Инчунин барои қонеъ кардани эҳтиёҷи маънавӣ низ хондани китоб аз шартҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад. Аммо шахс бояд бо хоҳиши худ машғули китобхонӣ шавад, – таъкид варзид мудири шуъбаи Маркази ахбору китобхонаи шаҳри Қувасой Назокат Иброҳимова.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Солҳои охир дар Ӯзбекистон ҷиҳати ташкил ва баргузории олимпиадаҳои байналмилалии фаннӣ, ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон ба фанҳои муайян ва ҳавасмандгардонии онҳо корҳои густурдае амалӣ мешаванд. Ин ҳама натиҷаи амалииислоҳоте мебошад, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар соҳаи маориф роҳандозӣ гардидаанд.***

# ҒОЛИБОНИ ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ САРФАРОЗ ГАРДИДАНД

Дар шаҳри Тошканд маросими ботантанаи сарфарозгардонии ғолибони Олимпиадаи байналмилалии математика ва информатикаи ба номи Ал-Хоразмӣ баргузор гардид, ки бо ташаббуси Вазорати маорифи томактабӣ ва мактабии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳамкорӣ бо Маркази олимпиадаҳои фаннӣ ташкил карда шуд. Бар асоси натиҷаҳои ин озмуни бонуфуз 106 нафар иштирокчӣ бо ҷоизаҳо сарфароз гардонида шуданд.

Дар маҷмӯъ, дар олимпиада 205 нафар хонандагон аз Ӯзбекистон, Туркия, Озарбойҷон, Беларус, Малайзия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон ширкат карданд. Дар озмун 34 даста аз рӯйи математика ва 32 даста аз рӯйи информатика иштирок намуданд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ин олимпиада бори сеюм баргузор шуда, санаҳои 8-12 майи соли ҷорӣ ҷараён гирифт. Ҳайати ҳакамонро коршиносон аз Эрон, Булғория, Тоҷикистон ва инчунин профессорони Ӯзбекистон ташкил медоданд.

Санҷишҳо аз рӯйи фанни математика дар шакли хаттӣ ва дар тӯли ду рӯз гузаронида шуданд, дар ҳоле ки имтиҳонҳо аз рӯйи фанни информатика дар давоми ду рӯз ва ба таври онлайн баргузор гардиданд.

Дар доираи ин чорабинӣ барои хонандагон дарсҳои маҳорат бо иштироки мутахассисони хориҷӣ, инчунин сайругаштҳо ба маконҳои таърихию фарҳангии шаҳри Тошканд ташкил карда шуданд.

Ин олимпиада ҳамчун марҳилаи муҳими омодагӣ ба Олимпиадаи байналмилалии математика (IMO) ва Олимпиадаи байналмилалии информатика (IOI), ки баргузории онҳо моҳи июли соли 2025 ба нақша гирифта шудааст, хизмат хоҳад кард.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои охир хонандагони Ӯзбекистон дар олимпиадаҳои фаннии байналмилалӣ ба натиҷаҳои баланд ноил мегарданд. Масалан, соли 2022 дар олимпиадаҳои гуногун 46 медал, соли 2023 — 91 медал ва соли 2024 — 128 медал ба даст оварда шуд.

**Н. УСМОНОВА,**
**мухбири ЎзА.**

*Минбари донишҷӯӣ*

# МУҲОФИЗИ ТАБИАТ БОШЕМ!

***Ҳар субҳ чун аз хоб бедор мешавам, аз тиреза ба берун нигоҳ мекунам. Хеле хушҳол мегардам, ки чӣ гуна табиати зебо, обу ҳавои софу беғубор дорем. Бояд ҳар лаҳза ба қадри ин неъмати Офаридгор бирасем.***

Вақте бо аҳли хонавода нишаста будам, дар телевизион оиди ифлосгардии табиат ва дигар мушкилоти экологӣ барномае пахш гардид ва эҳсос кардам, ки дар натиҷаи бепарвоиву беэътибории одамон табиат зарар мебинад ва таъсири он ба атрофиён низ мерасад. Дар ҳамон барнома гуфта мешавад, ки бинобар таъсири чунин мушкилот одамон ҷойи зисти худро иваз мекунанд...

Мутаассифона, чунин барномаҳоро бисёр мебинем, дар рӯзномаву шабакаҳои иҷтимоӣ оиди ин масъала гузоришҳои зиёдеро мехонему дар амал бефарқ ҳастем. Воқеан, ба ифлосгардии табиат худи одамон сабабгори асосианд.

Баъзеҳо мегӯянд, ки «бо як рафтори ман экология вайрон намешавад». Ана, ин фоҷиа аст. Бояд дарк кунем, ки тозагии табиат, ҳавои соф, озодагии муҳити зистамон ба мо чӣ қадар фоидабахшу зарур аст.

Биёед, барои саломатии худамон, падару модарамон ва ояндаи фарзандонамон бефарқ набошем. Муҳофизони табиату муҳити зисти худ бошем.

**Суннат РАҲМОНҚУЛОВ,**
**донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Фарғона.**

*Машъалони маориф*

# ШАСТ ОҲАНГИ ЗИНДАГӢ

Субҳ медамид. Ҳамон субҳе, ки саршори сафову некист. Хушбахтона, зулмат мағлуб гардида, ҷои худро ба некӣ медод. Муҳаррамро одате буд, ки баробари дамидани субҳи нав бо мутолиаи китоб шуғл меварзид. Сипас, нонушта намуда, ба гулҳои садбаргу райҳон, ки ба рӯяш шабнам пайдо гашта буд, як-як об дода, бо меҳрубонӣ парвариш менамуд. Ӯ ба гулҳои тару тоза бодиққат менигаристу аз дил мегузаронд, ки чаро гулҳоро маҳз инсоният беш аз пеш дӯст медорад. Боз дар дил мегуфт, ки аз гул бояду шояд ҳикмати зиндагӣ омӯхт, то азизи ҳар хонаводаи инсон бошад. Сипас, ӯ либосҳои мактабиро ба бар намуда, аз падару модари азизаш дуои нек гирифта, дохили мактаб гардид. Он рӯз дарс бо баҳсу мунозираи саршор аз илм байни шогирдон гузашт. Ҳамон дарси пуршавқ, ки аз ҷониби устод Мурод Маъдиев ба сатҳи баланд гузаронида шуд, ҳатто ақлу дили шогирдони танбалро ҳам аз хоби гарон бедор сохту ба фикру мулоҳиза водор намуд. Хосатан саволҳое, ки аз сӯи шогирди зиндадил Муҳаррам Муродова ба аҳли синф пешкаш мегашт, булбулакони боғи донишро ба олами рангини тафаккур беихтиёр мебурду ба дарёи пурталотуми хаёл ғӯтавар менамуд. Устод Мурод Маъдиев гоҳо аз шоҳбайтҳои бузургонамон сари вақт ва бамаврид замзама менамуд:

*Суханро ба мизони дониш бисанҷ,*
*Ки гуфтори беилм бод асту ранҷ.*

Оре, сухани беилм бемағз асту аз ҳақиқати зиндагӣ дури дур. Аз ин рӯ, суханро ба тарозуи дониш баркашида гуфтан ва бо лутфу фасоҳат дур суфтанро устод ба шогирдон меомӯзонд. Ҳарчанд дарси кимиё бошад ҳам, устод Маъдиев дар мавриди нозукиҳои сухан низ мегуфт. Қалби пурмеҳри Муҳаррам, ки ин қадар меҳрубониро дарк менамуд, наметавонист нисбат ба илми адаб бетараф бошад. Аз ин хотир то дили шаб пайваста китоб мутолиа мекард ва пас аз дарсҳо бо устоди худ дар мулоқот мешуд.

Ин шаммае аз овони мактабхонии Муҳаррам буд, ки чӣ гуна ба роҳи илму маърифат рафта, сабақи зиндагӣ омӯхтааст. Ҳар лаҳзаи ҳаёташ барои насли наврас намунаи ибрат аст. То аз дасташ ҳар чизе ва ё амале меояд, баҳри боло бурдани сатҳи донишу маърифати насли ҷавон ба сомон мерасонад. Муҳим он аст, ки моҳирона, устодона ва ҳалолкорона ба маромаш мерасонад. Агар ба сурату сирати ин зани далеру шуҷоатманд назар афканем, тафовутро намебинем. Ба қавли Хоҷа Ҳофиз гӯем, Эй ман ғуломи он, ки дилаш бо забон якест.

Ба назари мо ҷойгоҳи Муҳаррам Муродова дар ҷодаи таълиму тарбия дар он аст, ки ӯ пеш аз ҳама фидоиву ҷоннисори илму маърифат аст. Натиҷаи ҳамин ҷоннисориҳост, ки мактабе, ки ӯ то имрӯз сарварӣ мекунад, аз соли 2019 то ҳол мунтазам дар рейтинги ба донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар дохилшавии хатмкунандагон дар миқёси ноҳияи Самарқанд дар ҷои аввал қарор дорад.

Мурғи хотираҳо маро ба олами корномаҳои таърихӣ мебарад. Моҳи январ. Ҳавои сарди зимистон ҳукмфармо буд. Дар берун гоҳ барфи реза-резаву гоҳе барфи лаклакӣ меборид. Оби ҷӯйбору дарёҳо ях баста буд. Озмуни фанҳо дар мактаби рақами 10-уми ноҳия бо маром давом дошт. Устод Муҳаррам Муродова тӯл кашидани озмуни суханшиносиро фоли нек донист ва бо вуҷуди сардии ҳаво, вале бо дили гарму пурумед то поси шаб ба натиҷаи озмун мунтазир мешуд. Хуб медонист, ки шогирдони мактаб ҳатман ғолиби озмун хоҳанд шуд. Ниҳоят, аз ҷониби ҳайати доварон натиҷаи озмун эълон гардид. Шогирдон Амирҷон Раҳмонқулов ва Нодирабону Тоҳирова ғолиби озмун, Дилнозамоҳ Ансорова бошад, сазовори ҷойи дувум шуд. Ростӣ, агар муваффақиятҳои шогирдони дабистонро рӯи коғаз оварем, ҳатто вароқи оддӣ ба забон даромада мегӯяд, ки «меарзад, месазад!» Табиист, ки ин дастовардҳо худ ба даст наомадаанду дар замири ҳар кадоме аз онон заҳматҳои зиёди устодон ниҳон аст. Ба қавле, ба ҳар пирӯзӣ дилҳо об шудаву ҷигарҳо хун гашта. Дар солҳои гуногун ташнагони дарёи илму дониши мактаби мазкур аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дар миқёси ноҳияву вилояту ҷумҳурӣ сазовори ҷойҳои фахрӣ гаштаанд. Аз ҷумла, шогирдон Нодирҷон Қаюмов, Райҳона Усмонова, Амирҷон Раҳмонқулов, Ризқия Аҳмадова, Нодира Тоҳирова, Дилафрӯз Муродқулова дар озмуни мазкур дар ноҳияву вилоят ғолиби мутлақ, Дилноза Ансорова дар ноҳия ҷои дувум ва дар вилоят ҷои савумро ба даст овард. Гуфтан бамаврид аст, ки дар соли хониши 2024-2025 хонандаи синфи ёздаҳуми мактаб Иззатулло Неъматов дар озмуни мазкур бо муваффақият иштирок намуда, ному шарафи мактабро дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳамчун мактаби фаъол муаррифӣ кард. Ӯ дар зинаи ноҳиявию вилоятӣ ҷои аввал ва дар зинаи ниҳоӣ ҷойи савумро сазовор гардид.




Ҳар боре, ки устод Муҳаррам Муродова бо шогирди асилу бомаънавияташ, доктори фанҳои фалсафа, устоди Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистон – Финландия Нодирҷон Қаюмов рӯ ба рӯ меояд, сарбаланду шодком мегардад ва аз натиҷаҳои заҳматҳояш меболад.

Соли 2023 дар ҷашнвораи рақси ҷавонон дастаи рақсии «Парвоз»-и мактаб маҳорати баланд нишон дода, дар зинаи ноҳиявӣ ва вилоятӣ ҷойи аввал ва дар зинаи ниҳоӣ бошад, ҷойи чорумро сазовор гардид. Дар соли хониши 2023-2024 таҳти роҳбарии муаллими бомаҳорату фидоӣ Дилноза Саломова дар зинаи ҳудудии озмуни ҷумҳуриявии театри Тӯрон ҷамоаи «Мароқанд»-и мактаб сарбаландона ширкат варзида, сазовори ҷойи аввал гардид. Ин гуна дастовардҳои таърихӣ аз назари неки роҳбарияти шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Самарқанд дур намонд ва барои эътирофи хизматҳои бисёрсолаи арзандааш устод Муҳаррам Муродоваро соли 2021 ба нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон» қадрдонӣ намуд.

Зиндагиномаи ин роҳбари чашмикордон хеле оддист. Ӯ зодаи деҳаи хушманзари Қозиқӯрғони ноҳияи Самарқанд буда, дар оилаи Давронбобои деҳқон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Муҳаррами ҷавон баъди хатми мактаби зодгоҳ, таҳсили илмро дар омӯзишгоҳи касбиву ҳунарии рақами 31-уми ноҳияи Самарқанд давом дода, онро бо баҳои аъло хатм намудааст. Сипас, соли 1985 ҳуҷҷатҳояшро ба шуъбаи шабонаи факултаи суханшиносии Донишгоҳи давлатии Самарқанд супорида, аз имтиҳонот бо сарбаландӣ гузашта, ба номи пуршарафи донишҷӯ мушарраф гардидааст. Аз устодони ин даргоҳи бонуфузи таълим нозукиҳои илми суханшиносиро омӯхт. Ӯ фаъолияти кории худро соли 1987 дар мактаби миёнаи рақами 40-уми ноҳия ҳамчун сардори наврасон оғоз намудааст. Корро дар ин самт ба дараҷае расонида буд, ки соли 1990 шогирди соҳибистеъдодаш Шаҳнозабону барои дар байни синфҳои мактаб ғолиби сардори отрядҳо гардидан ба оромгоҳи фароғативу фарҳангии «Артек» раҳсипор гардид. Аз соли 1992 то соли 2005 аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ба шогирдон сабақ дод. Дар соли хониши 2005-2006 ба вазифаи мудири қисми илмии мактаби миёнаи рақами 43-юми ноҳия софдилона кор кард. Аз соли 2007 то ҳол вазифаи директори мактаби мазкурро бар ӯҳда дорад. Бояд гуфт, ки таҳти роҳбарии ин зани фариштахисол ва ҷонишини директор оид ба корҳои маънавият ва маърифат Мурод Маъдиев соли 2022 бинои нави замонавии мактаб бунёд гардид, ки аз ин ҷоми шодиву фараҳи хурду калони аҳли мактабу деҳаи Қозиқӯрғон то ҳанӯз лабрез аст.

– Устодро мо – аҳли мактаб дарёи равону беохири панду ҳикмат медонем ва ҳар коре, ки дар мактаб ҳусни оғоз мебахшем, бевосита бо маслиҳату роҳнамоии ин зани матинирода ҷомаи амал мепӯшанд, – лаб ба сухан кушод ҷонишини директор оид ба корҳои маънавият ва маърифат Шоиста Муродова. – Ӯ роҳбарест сахтгиру меҳрубон, занест ботамкину хушахлоқ, фардест хоксору самимӣ.

Устод Муҳаррам Муродова дар зиндагӣ модари хушбахти се нафар фарзанди солеҳ аст. Ба ибораи дигар гӯем, мурғи бахт ба рӯи устод хандидааст. Ӯ бо роҳбарии ҳамсари соҳибэҳтиромаш Фурқат Розиқов фарзандонро дар руҳияи худшиносӣ ва арҷ гузоштан ба илму фарҳанг тарбияи хуб дода, дар чорсӯи зиндагӣ кайҳост, ки парронҷак намудааст. Марҷонабону аз паи пешаи дӯстдоштаи модар рафта, муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби рақами 21-уми ноҳия мебошад, Фирдавсҷон соҳибкор, Заррухҷон устои гулдаст маҳсуб меёбад.

Дар ин рӯзҳои баҳори нозанин Муҳаррам Муродоваи азизи дилҳо аз чаманистони зиндагӣ шастумин гули муродро мечинад.

**Файзуллои МАЛИКЗОД,**
*ноҳияи САМАРҚАНД.*

20-май – зодрӯзи Муъмин Қаноат

# МУЪМИН ҚАНОАТУ ҲАМСАРАШ

Тобистони соли 1951 Муъмин Қаноат аз деҳаи Курговад ба Душанбе омад, ба факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҳуҷҷат супурд. Аз имтиҳоноти қабул бомуваффақият гузашт. Дилаш дар кафи ҳаяҷони суруромез метапид. Ӯ – донишҷӯ!

Нигоҳи Муъминшоҳ, дар он даму лаҳзаи барояш саодатнишон, баногоҳ ба рӯйи шаҳридухтаре гиреҳ хӯрд, ки нури хушбахтӣ дар гунааш медурахшид – дар қатори қабулшудагон ному фамилияи вай низ сабт ёфта буд. Матлуба ном дошт он зебодухтар, ки аслан самарқандӣ буда, бо оилааш дар Душанбе мезист. Мактабро бо медали тилло хатм карда буд.

Чун чашми духтар ба чашмаш афтид, ҷавон шарм дошт ва нигоҳ гурезонд. Вале ин ҳолат, дар ҳавлии донишгоҳ, боз такрор ёфт. Муъминшоҳ бо хиҷолат аз дил мегузаронд ин кораш хуб нест. Вале наметавонист нанигарад.

...Баъди гузаштани солҳои зиёд зану шавҳари хушбахт он лаҳзаҳои беғубор ва фаромӯшнопазирро ба ёд оварда, дар алоҳидагӣ, оиди чӣ тавр ба якдигар «дилбаставу вобаста» шуда монданашон нақлҳои ҷолиб намудаанд.

Матлуба: «Ректор бо донишҷӯёни курси аввал вохӯрӣ гузаронд.

Ба роҳбари донишгоҳ менигараму ҳис мекунам нигоҳи ҳамон ҷавони баландқомате, ки дуздида-дуздида нигариста буд, боз ҷониби ман. Ошиқ шуда бошад?»

Муъминшоҳ: «Ба худ мегуфтам нанигарам. Вале нигоҳам, беихтиёр, ҷониби ӯ тоб мехӯрд. Бешубҳа, дил бохта будам».

Матлуба: «Ҷавон дар гурӯҳи филологҳо, ман дар гурӯҳи тарҷумонҳо, ба таҳсил оғоз намудем. Бо салом ва пурсупоси кӯтоҳи муқаррарӣ аз ҳамдигар дур мешудем. Ҳис мекардам дар дил гуфтании зиёд дорад, вале нохост дучор оем, зуд роҳашро дигар менамуд.

Муъминшоҳ бо шармгинӣ ва бамулоҳизагиаш низ ба



дилам ҷо мегашт. Шавқи дидор дар дилам ҷӯш занад ҳам, ман низ худро аз ӯ мегурезондам. Ин ҳолат то ба курси чаҳорум давом кард».

Муъминшоҳ: «Мулоқоти аввали мо дар китобхонаи ба номи Фирдавсӣ ба вуқӯъ пайваст – ниҳоят ба дил кушодан ҷуръат кардам. Аён буд Матлуба низ нисбати ман бефарқ нест».

Матлуба: «Муъминшоҳ номаҳо менавишт. Дугонаам Саноат, ки аз розҳоямон огоҳ буд, миёнравӣ мекард».

Муъминшоҳ: «Акнун дар китобхона паҳлӯи ҳам менишастем».

Матлуба: «Дар хиёбонҳои шаҳр ҳамроҳ гардиш мекардем. Вай шеър мехонд, ман гӯш мекардам. Шунида будам аз солҳои мактабхонӣ шеър менависад ва ба Боқӣ Раҳимзода мефиристад. Вай рӯзе шеъри ба ман бахшидаашро низ хонд:

*Мӯй дар пешонии чун коғазаш,*
*Бо назокатҳо хати зар мекашад.*
*Шарм дар рухсораҳои нарми ӯ*
*Ҳар замон ранги гули тар мекашад.*

Баъдтар ин шеър бо унвони «Ҳусн» дар рӯзномае чоп шуд».

Муъминшоҳ: «Ҳар шом то дари кӯчааш гусел мекардам. Вале ин ҳолат дер давом накард. «Дигар гусел накунед будааст, гуфт Матлуба, додом манъ карданд». Падараш Фаттоҳ Раҳматуллоев як вақтҳо сардори милитсияи шаҳр дар Самарқанд буда, соли 1931 ба Тоҷикистон фиристода шудааст. Онҳо муқими Душанбе бошанд ҳам, самарқандӣ будани худро зуд-зуд ёдрас менамуданд. Одами ҷиддӣ буд Фаттоҳака. Балки ба бачаи курговадӣ духтар доданӣ нест? Чанд рӯз дар банди хаёл будам...»

Матлуба: «То ҷангалсар хостгор гусел накунад, туро гусел накунад, – гуфтанд падарам. Инро ба Муъминшоҳ расондам».

Муъминшоҳ: «Азбаски мӯйсари ғуливу ҷангалӣ доштам, волидонаш маро ҷангалсар мегуфтаанд. Хайрият, гузашт аз дилам ва гуфтам киро фиристам? Овозхони маъруф Акашариф Ҷӯраев, муаллими донишгоҳ Бухоризода ва раиси «Тоҷикматлубот» Муҳаббатов ба хостгорӣ рафтанд».

***

Ба муроd расиданд ва бештар аз 60 сол ба як болин сар ниҳоданд, ҳамдард, ҳамроз ва ҳамсафари зиндагӣ гаштанд.

Мегӯянд «Сурӯши Сталинград» нисфи умри Муъмин Қаноатро гирифт.

Вале кам касон хабар доранд, ки баробари соҳиби сар дар офарида шудани ин достон Матлубахонум ҳам чӣ қадар изтироб кашид.

Шоир барои ғун кардани мавод яксола рухсатӣ гирифт ва ба Волгоград сафар намуд. Матлуба Қаноат (Раҳматуллоева) нақл карда буд «он кас ҷавон баромада рафта, аз он сӯ бо мӯйсари мошубиринҷ баргаштанд».

Мисле тамоми изтироб ва шиканҷаҳои ҷангдидаву шаҳидшудагонро дар дил ҷо дода буд шоири тоҷик. Ба Матлубахонум ҳам, ки инро бо тамоми вуҷуд, бо дилу ҷигари тагорӯ ҳис мекард, осон набуд. Баробари шавҳар, навъе ишора шуд, ӯ ҳам дард мекашид, ранҷ мебурд. Ӯ ҳам хуни дил хӯрда, баробари шавҳар, мисле ҷангнома менавишт. Ба ёд меовард: «Шабҳо сар ба зонуи ман ниҳода, бо шӯру ҳаяҷон, аз «Сурӯши Сталинград» порчаҳо мехонданд. Ончунон бо эҳсос! Кас гумон мекард ҳамин ҳоло гиря мекунанд. Баъзан мегиристанд. Ман ҳам мегиристам...»

***

«Баъди вафоти Турсунзода то дер ба худ наомаданд, нақл карда буд Матлубахонум, як моҳ телевизор нагузоштем... Ба Лоиқ меҳри бепоён доштанд, ҳамасола 20 май ҷамъ мешудем. Дар зодрӯзи Муъминшоҳу Лоиқ хурсандӣ мекардем».

***

Солҳое дар «Занони Тоҷикистон» кор мекард, Матлуба Қаноат ҳикояву мақолаҳо менавишт. Баъд 35 сол чизе нанавишт, то дар хона ба эҷоди соҳиби сараш шароити мусоидтар фароҳам созад. Танҳо пеш аз вафоташ бо хоҳиши фарзандон чанд коғаз сиёҳ кард. Ёддошт (хотира) бо қалами Матлубахонум аз рӯзи аввали дидори ӯ бо Муъмин Қаноат оғоз меёбад.

***

Муъмин Қаноат рӯзҳое, ки бемории вазнинро аз сар мегузаронд ва наздик омадани маргро ҳис менамуд, васият кард «қабри маро баланду бадвоҳима насозед».

Ба ҳамсараш мегуфт: «Илоҷаш бошад шумо гӯед, маро на ба мазори Лучоб, ба ягон мазори одӣ ва наздик баранд, то зиёрати шумо осон кӯчад. Ба Лучоб гӯронанд, кӣ шуморо то он ҷо ба мошин мебарад?»

***

Устод Муъмин Қаноат 20 январи соли 2018 дар синни 86 аз олам гузашт. Бо иззату икром дар оромгоҳи Лучоб дафн карданд, дар паҳлӯи Бозор Собир.

Матлуба Қаноат ҳам, ки баъди он парандаи як болаш шикастаро мемонд, 16 октябри соли 2021 бар асари бемории дил зиндагиро падруд гуфт.

Чароғи хонадони ҷуфти зиндаёдро фарзандонашон Далер, Парвин, Ширин ва набераю аберaҳои зиёд фурӯзон медоранд.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.**

Ёдбуд

# ОХИРИН МАКТУБИ ПАДАР

*Давлати ноёб ҳастед, эй падар,*
*Дастури одоб ҳастед, эй падар.*

**Ҷонибеки ҚУВНОҚ**

Зиндагӣ. Умри равон. Ҳар лаҳзаи ҳаёт. Оё ба қадри он мерасем? Гузарону бебозгашт будани онро медонем?

Падар. Модар. Ёру бародар. Онҳо чун ҳар нафаси зиндагӣ ба мо азизанд. Оё медонем, ки дар зиндагии фонӣ «ҳар дам ғанимат аст, одам ғанимат аст?..»

Падарам омӯзгори синфҳои ибтидоӣ буданд. Аввалин устоди ман низ – падарам. Хондану навиштанро аз падар омӯхтам. Машқи шеърро низ. Бо кумаки падар дар ҳафтсолагӣ аввалин шеърам бо номи «Харгӯшак» дар моҳномаи «Машъал» соли 1968 чоп шуда буд:

*Харгӯшаки хушрӯяк,*
*Харгӯшаки сермӯяк.*
*Давон биё ба пешам,*
*Об хӯр аз лаби ҷӯяк.*

Соли 1978. Мактаби миёнаро бо баҳои аъло хатм кардам. Бо даъвати ҳамдеҳаам Қироншоҳи Шарифзода (донишҷӯйи курси сеюми факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буд) падарам маро ба шаҳри Душанбе бурданд.

Ҳуҷҷатҳоямро ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон супоридам. Имтиҳонҳои дохилшавиро бомуваффақият супорида, донишҷӯйи ин донишгоҳ гардидам. Ба деҳа омадам. Падарам хурсандона пешвоз гирифтанд.

Моҳи сентябр айёми донишҷӯйи сар шуд. Ҳар моҳ падарам мактуб менавиштанд. Хондану натиҷаи имтиҳонҳоро мепурсиданд.

Моҳи майи соли 1981. Аз хона хабар омад, ки падарам бемор шуда, дар беморхонаи вилоятии Ҷиззах хобидаанд.

Аз декани факултет Маҳмуд Давлатов (ёдашон ба хайр!) ҷавоб гирифта, 4 май ба Ҷиззах расидам. Ба беморхона даромада, падарамро дидам. Суҳбат кардем. Ман намедонистам, ки ин охирин дидори мост.

Ба Душанбе баргаштам. Баъди як ҳафта аз падарам мактуб омад. Гирифта хондам. Падарам маро панду насиҳат карда, дар охири мактуб «писарам хон, соҳиби касби пуршараф шуда, ба Ватан хизмат кун!» навиштаанд. Ман намедонистам, ки ин охирин мактуби падарам аст.

17 майи соли 1981. Хаткашони маҳаллаи Зафари шаҳри Душанбе нохост барқияе овард. Гирифта хондам. Дар он чунин навишта шуда буд: «Зуд биё, падарат вафот карданд!..» Вуҷудамро ҳолате фаро гирифт, ки ба баёнаш сухан оҷиз...

Чунин ҳолатро танҳо дар филмҳо медидам, аз китобҳо мехондам. Ҳеҷ бовариам намеомад. Вале он чӣ тавр дар бистсолагӣ ба сарам омад, намедонам. Доимо дар ёдам мемонад, ки бо падар хурсанд будам, бо ӯ сари баланд доштам ва аз муаллимии ӯ фахр мекардам. Дар дил чӣ орзуҳо мепарваридам бо номи ӯ.

Вале ҳайҳот...

Қиблагоҳам Ҳасанбой Эргашев баъди хатми омӯзишгоҳ ва донишкада то охири умр дар мактаб омӯзгори синфҳои ибтидоӣ буданд. Садҳо шогирдонро таълиму тарбия додаанд. Беҳтарин шогирдони падарам шоир, тарҷумон, журналист Ҷонибеки Қувноқ, директори мактаби тоҷикии ноҳияи Пахтаарали вилояти Чимкент (Қазоқистон) Халосбой Товбоев, собиқ директори хоҷагии «Фориш»-и ноҳияи Фориш шодравон Аҳмад Ибодов, журналист ва омӯзгори факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қироншоҳи Шарифзода, барандаи озмун-азназаргузарнии миллии ҷумҳуриявии «Бонуи сол», омӯзгори тоифаи олии мактаби рақами 26-уми шаҳри Ҷиззах Рӯзигул Орзуқулова, мухбири ҷамоатии «Овози тоҷик», омӯзгори мактаби рақами 7-уми ноҳияи Мирзочӯл Раҳимшоҳи Шарифзода мебошанд.

Торафт ҳаётро сарфаҳм мераваму ғамҳоям афзун мегарданд. Торафт бештар ҳис мекунам, ки бепадар будан чӣ мушкилиҳо дорад. Падар офтобе будааст, ки зиндагиамонро нури гармӣ мебахшидааст. Ҳар сухану ҳар як кораш барои мо мушкилкушое будааст. Имрӯз ҳам панду насиҳат, васиятҳои вай маро роҳи зиндагӣ нишон медиҳад. Шоир барҳақ фармудааст:

*Умри одамро, ки мегӯянд як дам будааст,*
*Нек бинам, суҳбати ёрони ҳамдам будааст.*
*Гарчи дилро мекунад ғам сахт бемору хароб,*
*Чорасози ҷони беғам боз ҳам ғам будааст.*

**Собир ЭРГАШЕВ,**
**омӯзгори собиқадор**
**аз ноҳияи Фориш.**

Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст

# НОМАҲОИ УМЕДУ НОУМЕДӢ

## Ё ҚИССАИ МОДАРЕ, КИ ТО НАФАСИ ОХИР РОҲИ ПИСАРАШРО ИНТИЗОР БУД

*Модарон то ҳол мепоянд роҳи аскарон,*
*Охирин уммеди ин уммедворон зинда бод!*

**Лоиқ ШЕРАЛӢ**

9 майи соли ҷорӣ ба Ғалабаи бузург дар Ҷанги дуюми ҷаҳон 80 соли расо пур шуд. Ғалабае, ки дар бадали ҷони милёнҳо ҷавонон, талафоти беғоят гарону гӯшношуниди ҷонию молӣ ба даст омадааст.

Яке аз шаҳидони гулгункафани он Фатҳулло Шарифи деҳбодомӣ буд, ки охирҳои соли 1938 ба хидмати ҳарбӣ даъват шуда, аз рӯзҳои аввали ҷанг ба хати пеши фронт сафарбар мегардад. Мувофиқи маълумоте, ки комиссариати ҳарбии ноҳияи Сариосиёи ҳоло вилояти Сурхондарё ба модари Фатҳулло – Муродбибӣ Шарифова тақдим кардааст, ӯ моҳи декабри соли 1941 беному нишон гум шудааст. Аммо модари зор, тавре наздиконаш шаҳодат медиҳанд, ба ин ва дигар маълумотҳое, ки солҳои баъдӣ дар ҷавоби пурсишҳо оид ба Фатҳуллои Шариф аз бойгониҳои марказии ҳарбӣ омаданд, ҳаргиз бовар намекард. Мегуфт, ки ягона писари ноздонааш зинда аст, ӯ албатта, рӯзе меояд. Ба умеди он ки омадани писарашро, пеш аз ҳама, худаш бубинад, ҳар замон дами дарвоза баромада менишаст, аз оянд агону равандагон мепурсид, ки оё Фатҳуллои ӯро надидаанд?

Додарзодаи Фатҳулло – акаи Раҳмонқул Шарифов, ки номаҳои аз хидмати аскарӣ ва баъдтар аз майдони ҷанг фиристодаи амаки худро имрӯз пас аз сари падар боэҳтиёт ҳифз карда меояд, бо оби дида ҳикоя кард, ки бибиаш то дами марг (баҳори соли 1974) писарашро интизор буд. Дар лаҳзаҳои охир низ гоҳ баҳушу гоҳ беҳуш исми Фатҳуллоро ба забон меовард, мепурсид, ки ӯ омад ё не? Кампири ҳамсоя аз амаки Худойқулам хоҳиш намуд, ки шумо ҷомаи Фатҳуллоро ба бар карда, назди модар равед ва гӯед, ки «Модарҷон, ман омадам...»

Амакам ноилоҷ ҳамин тавр карданд, лаҳзае чеҳраи модар шукуфту сипас якбора ором шуданд...

Имрӯз пас аз гузашти бештар аз ҳаштод сол ба ин номаҳо, ки зарду фарсуда гаштаву баъзан хондани онҳо душвор аст, менигараму мебинам, ки дар ҳар сатри онҳо чӣ қадар умеду орзу, дарду армон, меҳру муҳаббат нуҳуфтааст. Номаҳо ҷамъ дувоздаҳ адад буда, якҷо дар лифофа (конверт)-ҳои аҷиби хурдҳаҷм (9,5 см х 13,5 см) нигаҳдорӣ шудаанд. Аз адреси пушти онҳо маълум мешавад, ки он замон ҳанӯз вилояти Сурхондарё ташкил нашуда будааст (таърихи таъсиси вилоят 6-уми марти соли 1941 аст) ва ноҳияи Сариосиё якҷо бо дигар навоҳии вилоятҳои Сурхондарёву Қашқадарё тобеи вилояти Бухоро будааст...

Ҳашт нома, ки то сар шудани ҷанг аз таърихи 10-уми июни соли 1940 то 22-юми майи соли 1941 навишта шудаанд, бо хати нисбатан зебову хоно, бо ручкаи рангӣ (перо) китобат гардидаанд. Ҳар кадоми онҳо аз ду варақ (чор саҳифа) иборат буда, дар онҳо Фатҳулло батафсил ҳаёти аскарии худро, ки дар шаҳрҳои Тираспол ва Бендери Молдавия гузаштааст, тасвир карда мегӯяд, ки ба чизе ниёз надорад ва дарояндаи наздик пас аз адои хидмат ба дидор хоҳанд расид. Ҳамаи ин мактубҳо «Саломнома» унвон доранд ва бо хати лотиниасоси тоҷикӣ бо шеваи мардуми Деҳбодом иншо гардидаанд. Чунончӣ, як номаи ӯро, ки 7-уми августи соли 1940 навишта шудаву саршор аз умеду орзуҳост, бетаҳрир, вале ихтисоран ин ҷо меоварем (шарҳи дохили қавсайн аз мост):

«Саломнома

Дигар номаҳои ӯ низ, ки то сар шудани ҷанг навишта шудаанд, тақрибан чунин мазмун доранд, яъне арзи салому эҳтиром ба наздикон, ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо, ки мабодо аз ҷиҳати моддӣ азоб накашида истода бошанд ва монанди инҳо.

Фатҳулло дар номаи дигари худ, ки 22-юми майи соли 1941, яъне як моҳ қабл аз сар шудани ҷанг навиштааст, баъд аз ҳолпурсӣ ва изҳори хушнудӣ аз он ки ба наздикӣ, яъне пас аз чор моҳи дигар муҳлати хидматаш ба охир мерасаду ба ватан хоҳад баргашт, ба ин муносибат аз падару модараш хоҳиш мекунад, ки: *«...агар пул ёфта ройӣ кардан тонетон, ба ман ягон 100 сум пул ройӣ кунетон, неки агар аз хутотон набарояд, ройӣ накунетон...»* ва поинтар мегӯяд, ки ҳоло не, ду моҳ пас фиристанд, ки *«...вахти рафтанам пул даркор мешавад»*.

Аммо, мутаассифона, ин хурсандии Фатҳулло ва наздикони ӯ дер давом накард. Пас аз як моҳ ҷанги хонумонсӯз сар шуду қисми онҳоро аз аввалинҳо шуда ба фронт фиристоданд. Ӯ 23-юми июни соли 1941 (як рӯз пас аз сар шудани ҷанг) ба падар нома менависад, аммо ин нома мисли номаҳои пештара нест, бо қалам ва маълум, ки хеле шитобкорона навишта шудааст, аз ҷумла мегӯяд, ки: *«...ҳеҷ хафа нашаветон, ҳар чӣ бошад, аз ман розӣ мешаветон...»*

Дар мактуби дигар, ки моҳи июли соли 1941 навиштааст (азбаски бо қалам навишта ва коғаз хеле зарду фарсуда шудааст, бисёр ҷойҳои онро хонда намешавад, таърихи рӯз ҳам наменамояд), мегӯяд, ки: *«...ман аз шумоён гила надорам, неки аз ман розӣ шаветон, додоҷон ва ҳам очаҷон, тақдирамон ҳамин будай ки ба шумоён як коса об додан натавонистам...»* Номаи дигарро, ки он ҳам зоҳиран моҳи июли соли 1941 навишта шудааст, бе оби чашм хонда намешавад: *«...ҳар чӣ бошад, шумоён хафа нашаветон, мана тақдирам ҳамин будай, чико кунам, Худоҷонам танама сиҳат нигоҳ дорад агар, дидори якдигара мебинем...»* ва дар идома ба додари он замон сездаҳсолааш Маҳмадқул муроҷиат карда мегӯяд: *«...Маҳмадқулҷон, додою очара напарто (модари худашро дар назар дорад, додаронаш Маҳмадқул ва Худойқул аз дигар модар буданд), ҳеҷ хафа нашав...»*

Ин буд чанд пора аз рӯзгори дар номаҳо аксёфтаи як тан аз ҷавонони нокому ба қавле «аз сад гул як гулаш нашукуфта» Фатҳуллои Шариф, ки дар бистудусолагӣ ба боди фано рафт ва доғе носутурдани дар дили модари муштипар, падари солхӯрда ва дигар пайвандон гузошт...

**Турдиқул ҲАСРАТОВ,**
**директори мактаби**
**рақами 83-юми ноҳияи Сариосиёи**
**вилояти Сурхондарё.**

# БА МАРДУМ КАЙФИЯТИ ХУШ БАХШИДАНД



***Як гурӯҳ устодону шогирдони санъати аския ва ҳунари ширинкорӣ дар Қасри театр-консерти вилоятии Фарғона маҳфили хушу гуворои ханда барпо намуданд.***

Маҳфил аз тарафи ҳокимияти вилоят дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанг ва Маркази ҷумҳуриявии «Аския ва ҳунарҳои шавқангез» роҳандозӣ гардид.

Дар чорабинии завқбахш ноиби аввали вазири фарҳанги ҷумҳурӣ Баҳодир Аҳмедов ва ноиби ҳокими вилоят Хуршедҷон Аҳмедов суханронӣ карданд. Ҳадаф аз роҳандозии чунин маҳфил ва иштироки санъаткорон, ширинкорон ва аскиячиёни маъруф баланд бардоштани кайфияти оммаи васеъ мебошад.

Ҳунарнамоии ҳаҷвнигорону ширинкорони маъруф ва гурӯҳи аскиячиён таҳти роҳбарии Ҳотамҷон Ҳакимҷонов ба тамошобинон шодиву сурур бахшиданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Дар нигористон

# ИДОМАИ АНЪАНАҲО

***Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд намоиши шахсии кулоли маъруф, давомдиҳандаи мактаби кулолии Ғурумсаройи вилояти Намангон Ваҳҳобҷон Буваев бо номи «Идомаи анъанаҳо» кушода шуд.***

Дар намоишгоҳ наздик ба 300 намунаи ҳунари кулолии усто ҷой гирифтааст. В. Буваев шогирди кулоли машҳури ғурумсаройӣ Мақсудалӣ Туробоев мебошад.

Дар намоишгоҳи имрӯза дар баробари зарфҳое, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи рӯзгор истифода мешаванд, аз ҷумла табақ, коса, кӯза, гулдон, кӯзаи дудаста, пиёла, шамъдон, ҳамчунин навъҳои гуногуни ҳуштак намоиш дода мешаванд.

Усто дар баробари давом додани анъанаҳои Ғурумсарой таркибу шакли асарҳои худро такмил дода, ба ҷиҳатҳои хоси ҳар як маҳсули меҳнаташ эътибори махсус медиҳад.

Эҷодкор соли 1969 дар Ғурумсарой таваллуд шудааст. Ӯ дар Донишгоҳи давлатии Намангон, дар факултети санъати тасвирӣ таҳсил гирифтааст.

Дар ноҳияи Риштон дар доираи Форуми байналмилалии кулолон ӯ дар номинатсияи «Кулоле, ки анъанаҳои бостониро эҳё намудааст» сазовори ҷойи якум гардидааст. Буваев узви Иттифоқи ҳунармандони бадеии Ӯзбекистон мебошад.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

# ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ МАКТАБИ ПИРӮЗ

(Аввалаш дар саҳ.1).

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ МАКТАБ

Мактаби таълими умумии рақами 10, воқеъ дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Синтоби ноҳияи Сайҳунобод, соли 1941 ҳамчун мактаби ҳафтсолаи рақами 5-ум ба номи Шверник таъсис ёфтааст. Азбаски дар он солҳо соҳибони маълумоти олӣ хеле кам буданд, аз байни мардуми маҳаллӣ инсонҳои боақлу хирадро ба омӯзгорӣ ҷалб мекунанд. Дар он солҳои мушкили ҷанг ин маскани таълимӣ дар байни чанд деҳаи гирду атроф ягона боргоҳи таълимӣ маҳсуб меёфт. Фарзандони деҳаҳои ҳамсоя ва ҳатто минтақаҳои наздисарҳадии Қазоқистон низ маҳз дар ҳамин боргоҳи таълимӣ савод баровардаанд.

Соли 1957 мактаб даҳсола мешавад ва ҳамчун мактаби ҳамагонии рақами 44-уми ба номи Абулқосим Фирдавсӣ фаъолиятро идома медиҳад.

Аз соли 1971 ин ҷониб мактаб таҳти рақами 10 кор мебарад ва то имрӯз ин боргоҳи куҳани таълимиро намояндагони барҷастаи илму фарҳанг, арбобони давлативу ҷамъиятӣ, шоиру олиму донишмандони номдор хатм кардаанд, ки на танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар Тоҷикистону Қазоқистон низ бо меҳнати шоистаи худ ба комёбиҳо мушарраф шудаанд. Дар ин радиф метавон номи математик Ширин Ҳоҷиев (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), Умурзоқ Ӯлҷабоев (Донишгоҳи давлатии Гулистон), Ғоиб Шарифов (собиқ корманди дастгоҳи Президент) ва дигаронро ба забон овард.

Агар ба таърих, комёбиҳои омӯзгор ва дастпарварони мактаб назар андозем, аён мегардад, ки он аз оғоз пойгоҳи асосии мактабҳои тоҷикии вилояти Сирдарё будааст ва ин рисолати худро то ҳанӯз идома медиҳад. Дар ин даргоҳи муборак тӯли солҳо Турсунмурод Йӯлдошев, Ғанибек Ҳакимов, Қазоқ Шоев, Қурбон ва Тӯхтамиш Султоновҳо сарварӣ карда, омӯзгорони ботаҷриба Мирзо Мардонов, Мирзо Ҳакимов, Давлат Тӯхтаев, Саттор Раҳимов, Ҷабборбой Каримов, Султон Дӯстов, Бозор Зуҳуров, Шариф Азизов, Деҳқон Валиев, Султон Набиев, Қориа Шарифова, Ҳайитгулой Узоқова, Ҳалима Азизова, Малика Нурова ва дигарон дар роҳи соҳибхираду заковатманд намудани фарзандони маҳал саҳми арзанда гузоштаанд.

## 55 ДАРСАДИ ДОНИШОМӮЗОН ДОНИШҶӮ ШУДАНД

Ҳоло дар мактаб 384 нафар донишомӯз бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ таҳсил мегиранд. Дар ёздаҳ синфи тоҷикӣ ҷамъ 105 нафар хонанда мехонад. Ба хонандагони мактаб 50 нафар омӯзгорон таълиму тарбия медиҳанд, ки аз онҳо 4 нафар тоифаи олӣ, 13 нафар тоифаи якум ва 15 нафар тоифаи дувумро доранд.

– Шоир барҳақ мегӯяд, ки «Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ, То ба охир меравад девор каҷ», – иброз дошт директор Абдунабӣ Набиев. – Воқеан, дар камолоти ҳар як инсон, нақши омӯзгорон бузург аст. Онҳо шабеҳи Офтоб бо нури хиради худ дили шогирдонро мунаввар месозанд, чун шоҳдарахте зери шоххҳои бузурги хеш навниҳолакони боғи донишро ҳифз мекунанд, монанди дарё дили донишомӯзони ташнаи илму донишро бо илму хирад шодоб менамоянд. Омӯзгорони мактаби мо низ пайваста барои соҳибилму бохирад кардани насли наврас ҳаракат мекунанд. Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ Ҷамила Шерова, Муборак Набиева, Зулола Турсунова, Таҳмина Зайниддинова, Меҳрубону Бозороваҳо аз муаллимҳои пешқадаманд, ки асрори соҳаро хуб аз бар кардаанд ва солҳои ин ҷониб ба хурдтаракон навиштану хонданро меомӯзанд.

Мавсуф зикр кард, ки Малоҳат Ӯрунбоева, Гулсанам Норова, Гулчеҳра Ҳакимова, Шамсиддин Шеров, Дилдора Завқиева аз муаллимони фаъоли мактаб мебошанд. Инчунин, омӯзгорони ҷавон Дилшода Қӯлдошева, Ҳайдар Шодиев, Деҳқонбой Деҳқонов, Иззатой Зайниддинова, Дилдора Холибоева, Шаҳноза Набиева пайваста ҷиҳати такмили маҳорати педагогии худ талош мекунанд ва маъмурияти мактаб низ аз онҳо умеди калон доранд.

Бино ба таъкиди директори мактаб дар боргоҳи таълимӣ анъанаи «Устод ва шогирд» хуб ба роҳ монда шудааст. Муаллимони куҳансолу собиқадор Шарбатой Зиёева, Бобо Тӯхтамишов, Йӯлдошбой Ҳасанов, Йӯлдошбой Узоқов, Ҷӯрабек Султонов ва дигарон ҳамеша ба мактаб омада, бо омӯзгорон дар мулоқот мешаванд ва ба муаллимони ҷавон маслиҳатҳои муфид дода, онҳоро роҳнамоӣ мекунанд. Дар ҳалли мушкилоти мактаб дасти ёрӣ дароз менамоянд.

– Соли гузашта 40 нафар донишомӯз мактабро хатм карда, аз онҳо 22 нафар, яъне 55 дарсадашон ба муассисаҳои таълими олии Ӯзбекистону Тоҷикистон дохил шуданд. Имсол 29 нафар мактабро хатм мекунанд. Умед дорем, ки аз инҳо 60 дарсадашон донишҷӯ мешаванд. Ин мақсади асосии омӯзгорони мактаби мо мебошад, – зикр намуд сарвари таълимгоҳ.




## КОМЁБИҲОИ УСТОДОНУ ШОГИРДОНИ МАКТАБ ЗИЁДАНД...

Натиҷаи меҳнат ва ҳаракати омӯзгору донишомӯзон аст, ки дар ҷодаҳои гуногун ба комёбиҳо мушарраф мегарданд. Чанде аз муаллиму мураббиён соҳиби сертификатҳои байналмилалӣ ва миллӣ мебошанд. Аз ҷумла, муаллими фанни забони русӣ Нодира Деҳқонова ва омӯзгори фанни информатика ва технологияи ахбор Ҳайдар Шодиев соҳиби сертификати байналмилалӣ ҳастанд ва ҳармоҳа ба ғайр аз маош, боз 50 дарсад изофапулӣ мегиранд. Муаллими фанни физика Деҳқонбой Деҳқонов низ сертификати миллӣ ба даст оварда, 20 дарсад изофапулии ҳармоҳа мегирад. Инчунин, Дилдора Завқиева – муаллими фанни забони англисӣ соҳиби сертификати дараҷаи B2 аст.

Шогирдони мактаб низ пайваста барои такмили дониш мекӯшанд ва аллакай чанде аз онҳо аз фанҳои гуногун сертификатҳои миллиро ба даст овардаанд. Масалан, се нафар донишомӯзи синфи ёздаҳуми мактаб Диёра Эсанова (аз фанҳои забони англисӣ ва забони ӯзбекӣ), Мадинабону Шодиева (аз фанни биология) ва Зулхумор Ҳамроева (аз фанни таърих) соҳиби дараҷаҳои гуногуни сертификати миллӣ гардида, барои имтиҳоноти қабул ба муассисаҳои таълими олӣ аллакай холҳои муайянро ҷамъ овардаанд. Донишомӯзи синфи даҳум Дилнора Нормуродова низ аз фанни забони англисӣ соҳиби сертификати миллӣ гардидааст.

Инчунин, хонандаи синфи ёздаҳум Нилуфар Раҳмонова дар зинаи вилоятии олимпиада аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ҷойи дувум, донишомӯзи синфи нӯҳ Зӯҳро Пӯлодова аз ҳамин фан ҷойи сеюмро ба даст оварданд. Донишомӯзи синфи нуҳум Сабоҳат Давлатова аз забони ӯзбекӣ, хонандаи синфи ёздаҳ Сафия Мирзоева аз кимиё дар зинаи ноҳиявии олимпиада ҷойи дувумро соҳиб шуданд, ки ин низ аз эътирофи муваффақиятҳои шоёни шогирдони мактаб ба шумор меравад.

– Мактаби мо намунае аз дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек мебошад, – иброз дошт омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаб Шамсиддин Шеров. – Чунки дар мактаби мо таълим бо ду забон роҳандозӣ шуда, намояндагони ду миллат якҷоя таълиму тарбия мегиранд. Ҳар сол теъдоди зиёди шогирдонамон донишҷӯи муассисаҳои таълими олӣ мегарданд, дар озмуну мусобиқаҳо фаъол иштирок мекунанд. Чанде пеш дастпарвари мактаб Занҷирой Абдусаломова, ки ҳоло дар факултети журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон мехонад, тибқи Фармони Президент бо Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия мукофотонида шуд. Инчунин, донишомӯзи синфи дувуми мактаби мо Ҷонибек Шодимуродов дар мусобиқаҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ аз рӯйи намуди дзюдо бомуваффақият иштирок карда, ҷойҳои ифтихориро ба даст овард ва соҳиби диплому медалҳо гардид, ки ин низ боиси ифтихор мебошад.

## МАКТАБ ЧӢ МУШКИЛ ДОРАД?

Мавҷудияти мушкилот ва камбудиҳо дар раванди таҳсил боиси халалдор гардидани сифати таълиму тарбия мешавад. Бинобар ин, дар раванди ошноӣ бо фаъолияти мактаб, комёбиҳои омӯзгорон ва донишомӯзон, ба мушкилоте низ таваҷҷуҳ кардем, ки боиси нигаронии ҷамоаи маскани таълимӣ шудаанд.

– Бойгонии китобхонаи мо бой аст, – иброз дошт директор Абдунабӣ Набиев. – Лекин адабиёти давраи нав надорем. Росташро мегӯям, аз ин 10-15 сол муқаддам бо талаби роҳбарият ин китобҳои замони шӯравиро дар як гӯша гузошта будем ва чанде пеш, бинобар кам будани асарҳои тозанашри бадеӣ, дубора ба ҷевони китобхона баргардондем. Бо вуҷуди ин, мактаб ба китобҳои наву тозанашри бадеӣ бо забони тоҷикӣ эҳтиёҷ дорад. Илова бар ин, дар мактаб теъдоди синфхонаҳо кам аст. Донишомӯзон дар ду баст, бо коэффитсиенти 1,2 фоиз таҳсил мегиранд. Барои гузаронидани маҳфилҳои иловагӣ хонаҳои холӣ надорем.

Директори мактаб дар мавриди дертар дастрас шудани аксар китобҳои дарсӣ барои синфҳои тоҷикӣ ва сифати тарҷумаи онҳо низ изҳори нигаронӣ намуд. Таъкид кард, ки тарҷумаи китобҳои дарсӣ хеле дурушт аст. Ҷумлаҳо норавшананд. Гоҳо калимаҳое пеш меоянд, ки ҳатто муаллимон маънои онро намедонанд ва ин боиси эътирози барҳақи устодону волидон мегардад.

Мушкили дигар, ки ҷамоаи мактаб ба миён гузоштанд, дастрас набудани баъзе технологияи муосир буд. Бино ба маълумоти масъулон, дар мактаб ягон дона тахтаи электронӣ вуҷуд надорад. Соли гузашта 16 маҷмӯи компютери наву замонавӣ тақдим карда шуд, аммо дар таҷҳизоти онҳо низ баъзе камбудиҳо вуҷуд дорад. Сатҳи таҷҳизонидани хонаҳои фаннӣ низ ба таври бояду шояд нест. Дар онҳо аксар асбобу анҷомҳое, ки дар асоси фармоиши Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ аз 5-уми сентябри соли 2017 «Дар бораи тасдиқи меъёрҳои таҷҳизоти зарурӣ барои муассисаҳои таълими умумӣ» муайян гардидаанд, ба чашм намерасанд.

Дар раванди суҳбат роҷеъ ба мушкилоти мактаб Абдунабӣ Набиев таъкид кард, ки мардуми ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Синтоб» сад дарсад тоҷиканд.

– Мардуми мо дар хона, кӯча бо забони тоҷикӣ ҳарф мезананд, – афзуд ӯ. – Лекин баъзеҳо нисбат ба забони модарии худ беэътибор шудаанд. Ҳоло дар маҳалла мактабҳои 34 ва 10 амал мекунанд, ки асоси ҳар ду забони тоҷикӣ аст ва таълим дар ин масканҳои таълимӣ бо ду забон ҷараён дорад. Барои донишомӯзон, новобаста аз забони таълим имкониятҳои баробар фароҳам гардидааст. Лекин ҳар сол мо ҷиҳати ҷамъ овардани донишомӯзон ба синфҳои тоҷикӣ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ меоем. Тавре «ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам», гуфтаанд, аксар ҳаммиллатони худамон намехоҳанд, ки фарзандонашон бо забони модарии худ таҳсил гиранд. Дар ҳоле, ки теъдоди зиёди дастпарварони синфҳои тоҷикии мо ба комёбиҳо мушарраф мегарданд, дар мусобиқоту олимпиадаҳо пирӯз мешаванд, ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шуда, таҳсилро дар донишкадаву донишгоҳҳои бонуфуз идома медиҳанд. Аз ин рӯ, аз волидон хоҳиш мекардем, ки нисбат ба забони модарии худ беэътибор набошанд. Барои дар забони модарии худ, бидуни мушкилӣ таълим гирифтани онҳо имконият фароҳам оваранд.

Сарвари мактаб дар анҷом таъкид кард, ки дар ҳудуди маҳалла як ташкилоти таълими томактабии давлатӣ ва ду кӯдакистони хусусӣ фаъолият дорад. Раванди таълиму тарбия дар онҳо низ бо забони ӯзбекӣ роҳандозӣ шудааст.

## ЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ МАҲАЛЛАИ «СИНТОБ»

Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Синтоб» яке аз маҳаллаҳои сернуфуси ноҳия ба шумор меравад. Ҳоло дар 1115 хонадон 5132 нафар аҳолӣ умр ба сар мебаранд. Дар маҳалла се мактаби таълими умумӣ, як кӯдакистони давлатӣ, ду боғчаи хусусӣ, як бунгоҳи шифокории оилавӣ, 15 субъекти соҳибкорӣ фаъолият дорад. Аҳолии маҳалла асосан бо кишоварзӣ ва чорводорӣ машғуланд.

– Мардуми моро солҳои 40-уми асри гузашта тибқи фармони ҳукумати Иттиҳоди Шӯравӣ аз деҳаи зебоманзари Синтоби ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ ба ин ҷо кӯчонидаанд, – гуфт омӯзгори собиқадор Тӯхтамиш Султонов. – Бино ба маълумоти бобову падарон, вақте онҳо ба ин ҷо меоянд, ин макон қамишзор будааст. Ҳангоми кор дар замин, хонаҳои мор пеш омада, ҳатто гоҳо саҳар аз хоб хезанд, дар сари гаҳвораи кӯдаконашон мор медидаанд. Ва маҳз бо мақсади ободу сарсабз кардани саҳроҳои Мирзочӯл, аз худ кардани заминҳои бекорхобида мардумро ин ҷо кӯчондаанд. Роҳбарони вақти ҳукумат ба мардум иҷозат ва имкон медиҳанд, ки ҳар қадар мехоҳанд замин аз худ намуда, онро сарсабзу обод созанд. Дар аввал дар ин ҷо ҳатто барои истиқомат хонаҳо вуҷуд надоштаанд. Мардум аз қамиш барои худ каппаву чайла сохта, муваққатан истиқомат ва барои худ шароит фароҳам кардаанд. Вақте мардумро ба ин ҷо меоранд, онҳоро ба се деҳа – Ҳисорак (Фаровон), Ғалаба (Дӯстлик) ва қисми зиёдро ба ҳамин собиқ колхози ба номи Максим Горкий, ки ҳоло ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Синтоб» унвон дорад, тақсим мекунанд.

Бояд гуфт, ки ин кор ба осонӣ муяссар нашудааст. Вақте мардумро кӯчонидан мехоҳанд, аксари онҳо норозӣ мешаванд. Чунки онҳо ба шароити кӯҳистон одат карда буданд. Инчунин, ғайр аз чорводорӣ, асрори дигар кору соҳаро хуб намедонистанд. Маҳз ба туфайли корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғиботии як гурӯҳ равшанфикрон, аз ҷумла, раис Шариф Раҳимов мардум барои кӯчидан розӣ мешаванд. Баъди кӯчидан низ, баъзе оилаҳо ба шароиту муҳити нав одат карда наметавонанд ва дубора ба зодгоҳи падару бобо бармегарданд ё ба дигар шаҳру ноҳия мекӯчанд.

Бояд гуфт, ки ҳоло маҳаллаи «Синтоб» бар ивази меҳнати фидокорона, заҳмати шабонарӯзии мардуми босабру меҳнатдӯст ба як гӯшаи сарсабзу обод, хуррамy хушбодуҳавои мамлакат табдил ёфтааст.

## ЧАРО ДАР КӮДАКИСТОН ГУРӮҲҲОИ ТОҶИКӢ НЕСТАНД?

Вақте мо бо чунин савол ба мудири ташкилоти таълими томактабии рақами 13-уми маҳалла Дилафрӯз Қурбонова рӯ овардем, чунин посух гирифтем:

– Дар соли аввали фаъолият дар асоси пешниҳоди мардуми маҳаллӣ гурӯҳи тоҷикӣ кушодем. Ба ин гурӯҳ ҳамагӣ шаш нафаракро ҷалб карда тавонистем. Бо вуҷуди ин, як тарбиядиҳандаро барои таълиму тарбияи онҳо масъул намудем. Баъд як-як мушкилӣ ба миён омад. Якум, нақшаи корӣ танҳо бо забони ӯзбекӣ дастрас шуд. Моро зарур омад, ки онро тарҷума кунем. Ин раванд хеле мушкил шуд. Тарбиядиҳандаи мо бо кӯмаки омӯзгорони мактаби рақами 34, ки дар шафати кӯдакистон ҷойгир аст, бо сад азоб онро тарҷума кард. Баъд масъалаи маводи дидактикӣ ба миён омад. Чунин маводро низ танҳо бо забонҳои ӯзбекиву русӣ дастрас намудан мумкин буд. Бо гузашти вақт, волидоне, ки фарзандони худро ба гурӯҳи тоҷикӣ гузошта буданд, ба сари мо омаданд, то фарзандонашонро ба гурӯҳҳои дигар гузаронем ва онҳо забон омӯзанд. Ҳамин тариқ, фаъолияти гурӯҳи тоҷикӣ қатъ гардид. Агар падару модарон хоҳиш дошта бошанд ва аз мо ташкили гурӯҳи тоҷикиро дархост кунанд, мо ҳамеша омода ҳастем. Чунки барои ин ҳам имконият, ҳам шароит ва ҳам кадрҳои зарурӣро дорем.

Ёдовар мекунем, ки ташкилоти таълими томактабии рақами 13 ду сол пеш ба истифода супорида шудааст. Бино дорои шароити хубу замонавӣ, барои бо таълиму тарбия фаро гирифтани 150 нафар кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шудааст. Ҳоло дар шаш гурӯҳи асосӣ ва 2 гурӯҳи маҷбурии кӯдакистон беш аз 150 нафар кӯдакон таълиму тарбия мегиранд. 15 нафар кормандони кӯдакистон, аз ҷумла 3 нафар тарбиядиҳандагон соҳиби маълумоти олӣ ҳастанд.

**Матолиби саҳифаро хабарнигорони «Овози тоҷик» Фаридуни ФАРҲОДЗОД ва Далери ШУҲРАТЗОД ба чоп омода карданд.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 3688. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«. Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.